**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе 2024. – 27 саҳ.).

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки рушди бемайлони технологияи иттилоотӣ бомаром идома дорад, гурӯҳҳои манфиатҷӯ барои пиёда намудани манфиатҳои хеш аз чунин технологияҳо ба таври васеъ истифода бурда, таҳдиду хатарҳои бесобиқаро ба амнияти давлатҳои минтақа ва ҷаҳон ба бор овардаанд. Табиист, ки дар натиҷаи чунин пешравиҳои босуръати технологӣ ва ворид шудани мафҳумҳои нав ба илм зарурати омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни падидаҳои номатлуби замонро тақозо менамояд, ки экстремизми иттилоотӣ яке аз чунин падидаҳои нав маҳсуб меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки экстремизми иттилоотӣ ҳамчун шакли таъсиррасонии номатлуб ба тафаккури шахс, ҷомеа ва амнияти давлат тавассути таҳмили густурдаи иттилооти зараровар роҳадозӣ мегардад. Ҳадафи асосии мубалиғони ташкилоти экстремистӣ бо роҳи тағйир додани мафкураи инсонҳо ва дар асоси андешаҳои ботил ва таҳрифшуда барангезандаи бадбинӣ ва душманӣ дар байни табақаҳои васеи аҳолӣ ва бо ин васила сафарбар намудани ҷавонони ноогоҳ ба хушунат ва зӯроварӣ бо мақсади халалдор намудани сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат равона мебошад.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, ки пажуҳиши ӯ дорои аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ буда, дар доираи он қонунгузории зиддиэкстремистӣ, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ, андешаҳои муқтадири олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, психология ва таҷрибаи судиву тафтишотӣ ба таври комил мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Таклифу хулосаҳои муаллиф дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ

барои мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиккунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд.

Мустақилияти илмию эҷодии муаллиф ва мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои илмии зайл хеле хуб эҳсос мегарданд:

1. Мавзуи интихобнамудаи муаллиф, баҳри ҳалли муаммоҳои марбут ба квалификатсияи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифода аз ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд, мусоидат намуда, заминаҳои илмӣ ва назариявии боэътимодро ҷиҳати муқовимати босамар ба ин гуна кирдорҳо мегузорад. Бешак, хулоса ва нуктаҳои илмии аз ҷониби муаллиф коркардшуда, барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва пажуҳишҳои минбаъдаи олимони ватанӣ дар муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ заминагузор мебошанд.

2.Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда дар заминаи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта» таҳия гардидааст.

3.Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар самти иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқоти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023-2028)» низ мусоидат менамояд.

4.Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро метавон, дар мукаммал намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар қонунгузории зиддиэкстремистӣ бо таври васеъ истифода бурд.

5.Андешаҳо ва пешниҳодҳои хусусияти консептуалидоштаи муаллифро бинобар дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор доштани «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» метавон барои такмили стартегияи нав дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм бо таври комил мавриди истифода қарор дод.

Дар баробари натиҷаҳои илмии бадастомада дар таҳқиқот иддае аз масоили баҳснок низ ҷойгузин аст. Аз ҷумла, муаллиф дар саҳифаи 6-и автореферат дар қисмати мубрамии мавзуъ зикр намудааст, ки «яке аз мушкилоти муқовимат ба экстремизм ин баҳсбарангез будани истилоҳоти ҳуқуқии «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолияте, ки дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда шудааст» мебошанд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мустақар гардидаанд. Вале ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур пешниҳодҳои муаллиф манзур нагардидаанд.

Албатта, эроди зикршуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, мазмуну муҳтавои пажуҳиши илмиро коста намегардонад ва барои ташаккули афкори муҳаққиқ дар оянда мусоидат хоҳад кард.

Дар натиҷаи омӯзиши муҳтавои автореферати диссертатсия метавон хулоса намуд, ки мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо пуррагӣ мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Муқарриз:
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Ғафорова Ш.А.

Имзои Ғафорова Ш.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«21» 02 2024

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/4, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Телефон: +992 (37) 231-02-01;E-mail:tgfeu@tgfeu.tj